# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст.

Мубрамияти мавзӯи барои таҳқикоти диссертатсионӣ интихобкардаи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон мубрам ва сари вақтӣ мебошад, чунки таҳаввулоте, ки дар даҳсолаҳои охир дар ҶумҳурииТоҷикистон ба амаломадааст, талаботҳои комилан нав барои тарбияи фарзандро фароҳам меорад. Вазифаи таъхирнопазир дар марҳилаи кунунӣ ин таъмин намудани тандурустии насли наврас аст. Яке аз ҳадафҳои асосии таълим ва тарбия пас аз ислоҳоти он фароҳам овардани муҳити таълимию тарбиявӣ мебошад, ки ба эҳёи ҷисмонӣ ва маънавии кӯдакони синну соли ибтидоӣ мусоидат менамояд, ташаккули тарзи ҳаёти солим, ташаккули фарҳанги солим, таъсири мусбии омилҳои берунӣ ва дохилии муҳити зист ва ҳавасмандгардонии тарзи ҳаёти солимро ташкил медиҳад.

Дар ин ҷода мушкилоту масъалаҳои муҳиму мураккаби рӯзгори имрӯза водор месозанд, ки давраи таҳсил дар мактаби ибтидоӣ дар ташаккул ва таҳкими тандурустии мактаббачагон мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Бад шудани вазъи тандурустии мактаббачагон, ки дар солҳои охир мушоҳида карда мешавад, таваҷҷӯҳи бештар ва андешидани чораҳои мушаххасро барои тақвият ва таҳкими он талаб мекунад.

Бояд қайд намуд, ки омили ҳалкунанда, ки ба вазъи тандурустии кӯдакон, ҳамчунин ба муҳити атроф таъсир мерасонад, муҳити мактаб мебошад. Афзоиши сарбории кории таълим дар мактаб мушкилоти тандурустии хонандагони хурдро боз ҳам шадидтар кардааст.

Таҳлили таҳқиқот ба мо нишондод, ки манбаъҳои психологӣ ва педагогӣ натиҷаҳои раванди таълимро, ки мавқеи фаъоли ҳаётро дар робита ба тандурустӣ ҳамчун арзиш муқаррар менамояд, ҷамъбаст намекунад ва ба таври кофӣ таҳлил намекунад, мундариҷаи мафҳуми «фарҳанги тандурустӣ» ва марҳилаҳои ташаккули он дар хонандагон пурра ошкор карда нашудааст.

Муаллифи таҳқиқоти рисолаи илмӣ хеле ба мавқеъ ва воқеъ бинона таъкид кардааст, ки файласуфон ва ҷомеашиносон тарзи ҳаёти солимро як проблемаи глобалии иҷтимоӣ, қисми ҷудонопазири ҳаёти ҷомеа мешуморанд, гарчанде ки худи мафҳуми «тарзи ҳаёти солим» ҳоло ҳам дақиқ муайян карда нашудааст. Дар самти равонӣ ва педагогӣ тарзи ҳаёти солим аз нуктаи назари шуур, рӯҳияи инсон, ангеза ба назар гирифта мешавад. Дигар нуктаи назарҳо низ мавҷуданд (масалан, биомедикӣ), ки дар байни онҳо хатти қатъӣ вуҷуд надорад, зеро онҳо ба ҳалли як масъала - таҳкими тандурустии шахс равона шудаанд

Аз ин лиҳоз, ибтикору иқдоми унвонҷуй зимни ба таври мушаххасу комил мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додани мавзуи шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз муҳим будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ шаҳодат дода, хеле муассиру ҷавобгӯ ба талаботи замони имрӯза мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки унвонҷӯй бо ҳадафи баррасии ҳамаҷиҳатаи мавзуи илмӣ адабиёту маводҳои илмии олимону муҳаққиқони зиёди ватаниву хориҷи кишварро аз худ намуда, аз рӯи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлилу таҳқиқро ба таври бояду шояд амалӣ намудааст. Дар ин аснод, тавонистааст онҳоро арзёбӣ намуда, андешау мулоҳизоти худро озод ва бомаърифатона манзур намояд.

Зимни таҳқиқот унвонҷӯй натиҷаҳои бадастовардаро таҳлилнамуда, бо ин васила мақсаднокии истифодаи амсилаи пешниҳоднамудаи худро дар мисоли банақшагирии муҳити тандурустӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ: таҷрибаю озмоишҳои ташаккулӣ; баргузории корҳои озмоишии ташаккулдиҳанда тасдиқ намудааст.

Ба андешаи мо, мухтавои таҳқиқоти илмӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ба таври бояду шояд аз тарафи олимони соҳаи педагогикаи тоҷик мавриди таҳқиққарор нагирифта, аз ин лиҳоз довталаб дар ин самт кори илмӣ-таҳқиқотии сазовореро, итмом додааст. Чунки барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ–тарбиявӣ масъалаи ташаккули тарзи ҳаёти солим зимни ҳаёти рӯзмара хеле ба маврид буда, ба ин масъалаи муҳиму ҳаётӣ зарур аст, ки омӯзгорон бо масъулияти баланд таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва навгонии илмии Абдусамадзода Бахтулло арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқотро манзур намуда, далели он аст, ки муаллифи диссертатсия воқеан таҳқиқотҳои олимон оид ба ташаккули тарзи ҳаёти солим дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои таълимӣ–тарбиявии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамаҷиҳата омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ намуда, мушкилиҳо ва проблемаҳои асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули тарзи ҳаёти солим, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ворид намоии технологияҳои муҳити тандурустӣ дар раванди таълим, бо дарназардошти талаботи таҳсилоти муосирро муайян ва коркард кардааст ва дар ин аснод самаранокии банақшагирии муҳити тандурустӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ: таҷрибаю озмоишҳои ташаккулӣ; баргузории корҳои озмоишии ташаккулдиҳандаро исбот кардааст.

Комилан изҳор кардан мумкин аст, ки тавсияҳои методии таҳиянамудаи унвонҷӯй ташаккули тарзи ҳаёти солимро дар синфҳои ибтидоӣ, инчунин муассисаҳои миёнаи касбии ҷумҳурӣ дар самти ташаккули тарзи ҳаёти солим таъмин хоҳанд намуд.

Мулоҳизаҳои дар боло зикршуда арзиши илмию амалии диссертатсияи Абдусамадзода Бахтуллоро далел буда, дар амалӣ намудани раванди таҳқиқот тафаккури илмӣ доштан ва соҳиби маҳорату малакаи иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, ҳамзамон доштани салоҳиятнокии илмӣ, мустақилияти довталабро собит аст.

Эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳои методӣ, натиҷаҳои бадастомадаи кори илмӣ аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки унвонҷӯй ба ҳадафи таҳқиқот муваффақ гардида, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ бударо иҷро намудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи талабот омодагардида, муҳтаво ва мазмуни рисолаи илмиро дарҷ намудааст. Ҳамзамон мақолаҳои дар нашрияҳои тақризшаванда интишор намудаи муаллиф мазмуни таҳқиқотро инъикос намудаанд.

Диссертатсияи Абдусамадзода Бахтулло Абдулманон дар мавзуи “Шароитҳои педагогии таъмин намудани муҳити тандурустӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ”ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсинӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (ҚарориҲукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни

соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи таҳсилоти
томактабии Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Иззатова М.

09.06.2023

Маълумот барои тамос: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Тел: (+992 33 22) 2 35 06; Моб.: 98 859 55 55;
E-mail: info@kgu.tj

*"Имзои М.Изатоваро тасдиқ мекунам"*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф.